**Тақриз**

**ба диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна таҳти унвони «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт. Равобити адабӣ).**

Рисолаи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна ба яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, интихоби мавзуъ актуалист, зеро ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, аз ҷумла осори шоирони давраи мавриди таҳқиқи диссертант аз масъалаҳои ба таври зарурӣ омӯхтанашудаи адабиётшиносии тоҷик боқӣ монда, баррасии он барои шинохти бештари ин ҳавзаи адабӣ ва мақоми суханварони он дар рушди адабиёт мусоидат хоҳад кард.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки докторант масъалаи падидаҳои ҳунарӣ ва поэтикаи ашъори шоирони ҳавзаи адабии Хуҷанд, идома ва рушди анъанаҳои шеъри классикии форсӣ-тоҷикӣ, заминаҳои зуҳури «шеъри нав», ҷараёнҳои адабӣ, сабку услуб, тазмину назира ва корбурди истилоҳоту образҳои мушобеҳро бо шуарои мутақаддам бо диду назари нав дар назми ҳавзаи адабии Хуҷанд мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф дар таҳқиқи илмии худ бештар равишҳои муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ ва тавсифиро мавриди истифода қарор дода, ҳамчунин ба осори илмӣ ва методҳои фардии адабиётшиносони хориҷиву ватанӣ (Э.Браун, Е.Бертелс, А.Г.Маонӣ, И.Брагинский, А.Мирзоев, Р.Ҳодизода, А.Абдуллоев, С.Саъдиев, С.Амирқулов, У.Каримов, А.Сатторзода, Х.Шарифов, А.Насриддин ва диг.) такя кардааст.

Сохтори рисола аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола роҷеъ ба зарурати таҳқиқ, дараҷаи азхудшавӣ ва заминаҳои назариявию методологӣ, мақсад, вазифа ва усулҳои таҳқиқ, навовариҳо, аҳаммияти назариявию амалӣ, нуктаҳои

ҳимояшаванда, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ саҳми шахсии довталаб, таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он, интишорот ва сохтору ҳаҷми рисола маълумот дода шудааст.

Дар боби аввал зери унвони «Муҳити илмиву адабӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр аз нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX» муаллиф ҳаёти адабии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XVIII то ибтидои асри XX ва сарчашмашиносии он, мавзуъ, муҳтаво ва ғояҳои асосии эҷодиёти шоирон, ривоҷи адабиёти дузабона ва саҳми бонувон дар рушди адабиёти даврро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Боби дуюми рисола «Таҳаввули жанрҳои адабӣ» ном дошта, муаллиф дар доираи се фасл хусусиятҳои жанрии ғазал, мухаммас, рубоӣ, қасида, қитъа, маснавӣ, мустазоду тарҷеъбанд, фардбайт, баҳри тавил ва таълифоти мансурро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

«Хусусиятҳои поэтикии ашъори суханварони ҳавзаи адабии Хуҷанд» – боби сеюм буда, унвонҷӯ дар чор фасл ба таври мушаххас таъсирпазирии шуарои Хуҷанди давраи мавриди назарашро аз Бедил ва дигар намояндагони сабки ҳиндӣ, ҳамчунин таъсирпазирӣ аз Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва дигарон, заминаҳои зуҳури «шеъри нав» ва корбурди саноеи бадеиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар интиҳо муаллиф аз таҳќиќи анљомпазируфта хулосаҳои муҳимми баровардаашро дар ду қисм: дар қисмати аввал натиҷаҳои асосии илмии бадастомада (дар доираи 15 банд) ва дар қисмати дуюм тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳоро дарҷ намудааст.

Дар маҷмуъ, рисола бо забони илмӣ таълиф шуда, андешаронӣ, сабки баён, таҳлилҳо ва натиҷагириҳои муаллиф мушаххасу дақиқанд. Муаллиф аз сарчашма ва адабиёти назариявӣ хуб истифода намуда, барои тақвияти андешаҳояш дар мавридҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Дар саросари рисола барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқ муаллиф ба ҷанбаи омории осори мавриди таҳқиқ диққат дода, ба мақсадҳои муқаррарнамудаи худ муваффақ гардидааст.

Бо вуҷуди муваффақияту дастовардҳо дар рисола баъзе нуқсонҳо ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар доираи омори бадастомада дар мавриди шоирони давр маҳдуд шудан чандон дуруст нест, зеро доираи мавзуи мавриди таҳқиқ васеъ буда, дар ҳоли ҷустуҷӯ ва омӯзиши чуқур метавон боз симоҳои навро пайдо кард;

2. Хуб мешуд, ки дар муқаддима навгониҳои тадқиқот гавассути рақамгузорӣ мушаххасан нишон дода шаванд;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат чанд ғалати имлоиву китобатӣ ба мушоҳида мерасанд, ки дар ҳошияи онҳо нишон дода шудаанд.

Камбудиҳои ишорашуда арзиши таҳқиқи анҷомёфтаро кам намесозанд ва онҳо ислоҳпазир буда, ба осонӣ бартараф хоҳанд шуд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Ҳомидова Шамсия Мирзорустамовна таҳти унвони «Ҳавзаи адабии Хуҷанд дар нимаи дуюми асри XVIII – аввали асри XX» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-037-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» тавсия карда шавад.

**Номзади илми филология,**
**дотсенти кафедраи забони**
**тоҷикии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Раҳматова Д.А.**

**735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, бинои 1.**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон**
**E-mail: raxmatov.1987@mail.ru**
**Тел.: +992 92 790 95 53**

**Имзои Раҳматова Дилрабо Аҳмадҷоновнаро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС